Муаллиф: Нурмухаммад Хуррамӣ
05.02.2019 13:14

Баргардонанда аз хати форсӣ Насибчон Амонӣ

Дар робита бо кондид(номзад) шудани Ханиф Атмар дар баробари Ашраф Ганӣ, назарияи мусаллат ин аст, ки номбурда бо ироаи як сиёсати муътадил ва пазируфтани лафзии як силсила рефурмхо дар сохтори низом ва тааххуд бар мушорикати аквом дар идораи давлатӣ, мехохад орои эътирозӣ ва мухолифини Ганиро ба худ чалб карда, ва то хадди мумкин аз рехтани ин оро ба сандуки дигарон чилавгирӣ намуда, рохро барои бар сари иктидор омадани дубораи Ганӣ хамвор созад.

Худуди як сол кабл (24 январи соли 2918) лар як муносибате навишта будам:

“Халилзод, Ганӣ, Карзай,Ахадӣ,Гулбиддин ва дигароне аз ин кумош хама ба сони бозигарони сахнаи вохид аз тиётре хастанд, ки дар он хар як накши таъиншудаи худро мутобик ба сенорёи аз кабл тахияшуда бо дарназардошти имконот, чойгох, тахассус ва муморисати(кордонӣ— аз ин чо ва баъд шархи баргардонанда Н.А) хеш ба ичро мегузоранд. Надонистани ин хакикат ба маънии он хохад буд, ки мо аз дарк ва тахлили масоиле марбут ба гузашта, имрӯз ва фардои Афгонистон очиз буда ва дар амалкардхои сиёсии худ ба бероха меравем!”

Хол агар номи Ханиф Атмар дар радифи боло мушаххас нашудааст, хайр. Метавон вайро назар ба мавкеияти кунуниаш дар радифи аввалӣ “ ва дигароне аз ин кумош” карор дод.

Агар назарияи матрахшуда дар болоро то майдони корзорхои интихобот, махсусан интихоботи раёсати чумхурӣ тавсиа бидихем, ба хубӣ метавон дарёфт, ки тааддуди(гун огунӣ) кондидон ва ё зохиран дар баробари хам карор гирифтани кондидони мансуб ба шовинизми кавмӣ, вучуди тафовути назар дар бунёди идеоложики онхоро, ки хамоно паштунизм --паштунволӣ(афгоният) бо истифода аз ислом зери номи “исломият” аст, маънӣ намедихад.

Ин ки Ханиф Атмар худ эътироф мекунад, ки бо окои Ашраф Ганӣ аз лихози фикрӣ ва барномавӣ хеч ихтилофи назаре надорад ва агар тафовуте назарӣ вучуд дорад, дар нахваи ичрои ин барномахо аст;  ин баёни як хакикати рӯшан аст.

Дар робита бо кондид(номзад) шудани Ханиф Атмар дар баробари Ашраф Ганӣ, назарияи мусаллат ин аст, ки номбурда бо ироаи як сиёсати муътадил ва пазируфтани лафзии як силсила рефурмхо дар сохтори низом ва тааххуд бар мушорикати аквом дар идораи давлатӣ, мехохад орои эътирозӣ ва мухолифини Ганиро ба худ чалб карда, ва то хадди мумкин аз рехтани ин оро ба сандуки дигарон чилавгирӣ намуда, рохро барои бар сари иктидор омадани дубораи Ганӣ хамвор созад.

Бар иловаи мавриди фавк, банда мехохам таваччухи дӯстонро бар яке ду нуктаи дигар чалб намоям:

1. Истифода аз      раванди аввали интихобот ба хайси интихоботи мукаддамотӣ

Тавре ки гуфтем, кондидони марбут ба хостгохи шовинизми кавмӣ бо хифзи тавофуки назар дар масоили ом, аз чумла, хифзу истехкоми(устувории) хокимияти инхисории кавмии марбут ба худашон, сохтани миллат- давлати “афгонӣ” бо тахмили хувияти кавмии “афгон” минхайси хувияти миллӣ тахти шиори “исломият- афгоният” аз хутути кирмизи хамаашон аст. Дар шеваи татбики ин барномахо тафовути назархое миёнашон вучуд дорад.

Барои маълум намудани сатхи тарафдорӣ аз ин шевахои кор  ва хамчунон икнои(каноати) чохталабихои шахсӣ ва сиёсии кондидонашон, утоки фикри шовинистӣ ширкати бидуни монеъи кондидони марбут ба худро дар раванди аввали интихоботи раёсати чумхурӣ минхайси “Интихоботи мукаддимотӣ” тачвиз мекунад. Тавре ки медонем, интихоботи мукаддимотӣ, масалан, дар Иёлоти Муттахидаи Амрико барои гузиниши як кондид аз миёни умедворони кондидутурӣ аз як хизб дар миёни аъзо ва хаводорони хизби муайян дар иёлоти мухталифи Амрико доир мегардад.

Бояд гуфт, ки дар хамин мавриди хос паштунистхо дар миёни худ билнисбаи(нисбатан) демокротик амал мекунанд. Албатта, ин танхо махсус ба шовинизми афгонӣ нест.

Режими опортеиди Африкои чанубӣ барои интихоби рахбарии режими нажодпараст аз миёни акалияти сафедпӯст барои хукумат кардан бар болои аксарияти сиёхпӯст аз шевахои демокротик истифода мекард ва чунин мекунад режими сиёнистӣ  дар Исроил.

2—Плони B(доштани чойгузин дар сурати нокомии  Ганӣ)

Далели дигари кондид сохтани Атмар аз тарафи аркони шовинизм хамоно дарназардошти плони B дар баробари нокомии кобили пешбинии Ганӣ аст. Онхо бо мушохидаи тахриби тамоми пули укбӣ(охирин) бо аквоми гайри паштун ва паштунхои дуронӣ тавассути Ганӣ тасаввур мекунанд, ки номбурда хеч гуна химояте дар миёни ин аквом надорад. Онхо медонанд, ки Ганӣ бо сиёсати урёни точикситезӣ ва точикзудоӣ кӯшиши машхуд(ошкоро) дар чихати масхи хувият, тоърих, фарханг ва забони ин бузургтарин миллияти
Афгонистон ва талош барои тачзияи онхо ба зӯри мачмуъахои маснӯъӣ ва хамчунон тахкир ва тавхини шахсиятхои мансуб ба ин кавм, хамчун канор задани тахкиромези Ахмад Зиё Масъуд, хеч гуна чойгохе дар миёни ин миллият надошта ва барои як точик шармовар ва нангофарин хохад буд, ки ройи худро ба сандуки Ашраф Ганӣ Ахмадзай бирезад.

Бояд гуфт, ки  казовати шовинистхои паштун дар ин гуна маворид мутобик ба меъёрхои арзишии худашон аст.

Барои як теъдод точикон сабукдӯшии ончунонии Ахмад Зиё чазои амали худаш ба хисоб омада мегӯянд, ки “Ахмад Зиё Масъуд чаро бо шахсе хамчун Ганӣ пайваст?” Вале назди паштунхо ингуна тахкиру тавхин ба мачмӯи кавмашон ба хисоб меравад. Паштунхо ихлоли(халалдор кардани) сухбати Хомид Карзай дар махфили ёдбуд аз шаходати устод Раббонӣ тавассути чанд чавонро тавхин ба худ ба хисоб оварда, дар баробари он аксуламали саросарӣ нишон доданд, ки мо хама шохиди он будем!

Ба хамин тартиб, он чи Ганӣ дар баробари ӯзбакхо, бахусус ченерол Дӯстум анчом дод, катлу куштори хадафмандонаи хазорахо ва ба хошия рондани дуронихо,  пойгохе барои Ашраф Ганӣ дар миёни ин аквом ба чо намегузорад. Шовинистхои тундрав ташвиш аз он доранд, ки маб
одо бо нокомии Ганӣ
ба нахве, ки хеч такаллубе хам
чилави онро гирифта натавонад, хама дастовардхо аз барои оидаи(бозгардонидани)

хокимияти инхисории кавмии онхо, ки ба кимати тахриб ва барбодии кишвар ва вобастагии он ба бегонахо, куштор ва овора шудани миллионхо инсони ин сарзамин ба дасташон омадааст, барбод равад.

Онхо тасаввур мекунанд, ки дар роъси давлат карор гирифтани як унсури зиддитолибон ва ё хатто як паштуни дорои вусъати назар ва мулхам(илхомгирифта, обхӯрда) аз фарханги шахри Кобул, онхо дар мавкеияти бисёр номусоиде карор хоханд гирифт. Бад- ин лихоз метавон чунин натича гирифт, ки бо ба сахна овардани Ханиф Атмар зери шиори “Вахдати миллӣ” ислохоти нисбӣ дар низом ва накди сарпӯшида аз баъзе коркардхои Ганӣ, мехоханд чилави шикасти катъиашонро дар баробари ракибон тавассути Атмар, ин мори хафтсар, бигиранд.

Дар поён бояд гуфт, ки то ханӯз рӯшан нест, ки вокиан ин интихобот барпо шуданӣ аст ё хайр. Ва агар барпо хам шавад, хукумате, ки дар натичаи он ба вучуд меояд, кадом накши чашмгире дар пурӯсаи ояндаи чанг ва сулх дар кишвар хохад дошт.

Кадри мусаллам(баёни возех) ин аст, ки он чи тағйир ёфтанӣ нест, мавзеъ ва мавкифи шовинистхои кавмӣ дар киболи масоили имрӯз ва фардои кишвар аст ва он дар даст доштани абади хокимияти инхисорӣ муттакӣ бар конфедеросиюни кабоил дар Афгонистон аст. Мухим нест, ки дар раъси(сарварии) он конфедеросиюн Ганӣ Ахмадзай бошад, Ханиф Атмар бошад, Гулбиддин Хикматёр
бошад, Карзай бошад ва ё “Мишри(сарвари) мулло”-и Толибон???

Шумо чӣ фикр мекунед?